# ТАҚРИЗИ

мукаррризи расмӣ ба диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии огмӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа – PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст

Диссертатсияи номздии унвонҷу Шукурзода Хуршеди Абдумумин «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ», ба шиносномаи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ):

– *банди 1.* Асосҳои методӣ ва мавриди танзимкунандаи соҳаи таҳсилоти касбӣ, қонуниятҳо, усули таҳсилоти касбӣ, асосноккунӣ ва татбиқи консепсияҳо ва низомҳои омодасозии касбии мутахассисон;

– *банди 2* – Назария ва методикаи равандҳои таҳсилот дар соҳаи омодасозии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон;

– *банди 3* – Такмили сохтори омодагии касбӣ ва бозомӯзии кадрҳо дар шароити муассисаи таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Мубрамияти таҳқиқоти мазкур аз он бармеояд, ки дар фазои ҷаҳони муосир оид ба таҳсилоти ватанӣ тамоюлоти афзоишёбандаи мусбат ба вуқуъ омада, ташаккули назарҳои нав ба стратегияи рушди таҳсилот, ки бешак ба вазифаҳои авлавиятнок ва эҷоди шароит барои мутобиқкунии бомуваффақияти кадрҳои ояндаи педагогӣ ба воқеиятҳои тағйириёбандаи иҷтимоию иқтисодӣ ва шароити фаъолияти касбӣ нигаронида шудаанд, сурат мегирад.

Зиёда аз ин, равшан аст, ки ҷаҳонишавии таҳсилот дар миқёси ҷаҳон шахсияти аз ҷиҳати касбӣ баландихтисосро талаб мекунад, ки қобил аст ҳадафҳо ва вазифаҳои миқёсан калонро амалӣ созад. Бояд зикр намуд, ки

салоҳиятнокии касбии омӯзгори оянда дар замони имрӯза дар пояи салоҳиятҳои муҳим қарор дорад.

Дар айни замон масъалаи ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ на танҳо аз ҷанбаи назариявӣ, балки инчунин аз ҷанбаи амалӣ низ иборат аст. Он, моҳиятан, бо тағйироти ҳамаҷониба дар ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст, ки афзалиятнок гардида, ба мадди аввал гузошта мешавад. Маҳз, унвонҷу бо ҳамин мубрамияти масъалаи ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоиро асоснок намудааст.

Ҳамин тавр, масъалаи ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ аз меъёрҳои муайяни арзёбикунанда, аз ҷумла, мавҷуд будани неруи маърифатӣ, маълумотнокии баланд, дарки чуқуру ҳаматарафаи соҳаи фаъолият, ки дар тавсифи шахсии хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ зоҳир мегардад, иборат аст. Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла, дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, ҷорикунӣ ва татбиқи бомуваффақияти фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ бо ҳаллу фасли вазифаҳои таъхирнопазир доир ба ташаккули низоми донишҳо, маҳоратҳо ва малакҳои донишҷӯён оид ба фанҳои таълимӣ ва дар навбати аввал, тарбияи салоҳиятнокии шахсияти омӯзгори оянда алоқаманд мебошанд.

Дар муқаддима дастгоҳи илмии диссертатсия аз нуқтаи назари илмӣ хуб тарҳрезӣ карда шудааст, ки ин аз шиносоии амиқи унвонҷу ба масъалаи мазкур гувоҳӣ медиҳад. Аз ин ҷост, ки нуктаҳои назариявию методологӣ дар диссертатсия босаводона ва илман асоснок матраҳ гардида, ба талаботи имрӯзаи ташкилу гузаронидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ мувофиқат мекунанд.

Дар асоси гуфтаҳои болозикр метавон гуфт, ки таҳқиқ ва таҳлили мавзуи «**Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои**

**матнӣ»**, дар шароити имрӯза муҳим ва зарур арзёбӣ шуда, натиҷаҳои таҳқиқот барои омода намудани омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ мусоидат хоҳад намуд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва мавзуи он, таҳлили сарчашмаҳо, таҳия, коркард ва таҳлили ҳаматарафаи кори тадқиқотӣ иборат мебошад. Муаллиф тӯли фаъолияти илмии худ асосҳои назариявию методологӣ ва хулосаву натиҷагириҳои кори таҳқиқотии мазкурро мустақилона иҷро намудааст. Унвонҷу доир ба ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ, корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ гузаронидааст, ки ин бевосита саҳми шахсии муаллиф маҳсуб дониста мешавад.

**Мақсади таҳқиқот** ошкоркунии имкониятҳо, асосноккунии назариявӣ ва амалан санҷидани шароитҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзголрони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди таълими «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» мебошад. Барои амалӣ намудани мақсади умумию асосии таҳқиқоти илмӣ зарурати ҳалли вазифаҳои зерин ба миён омадааст:

– муайянкунии моҳият ва мазмуни омодагии ҷалби муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ;

– коркард ва амалисозии имкониятҳои ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ.

– роҳҳо ва усулҳои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ;

– истифодакунии таҷрибаи фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар ҳалли масъалаҳои матнии душвор;

– санҷидани самаранокии озмоиши андешаҳои коркарди методӣ оид ба ҷалби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст,** ки натиҷаҳои он ҳиссаи муайяне ба назария ва методикаи таълиму тарбия ворид намудааст. Дар таҳқиқот мафҳуми омодагии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҳамчун низоми ҳамгирои омӯзиши предметҳо, инчунин назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ барои ҷалби омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ пешкаш гардидааст. Дараҷа ва меъёрҳои ташаккулёбии омодагии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ муайян муайян карда шудааст. Унвонҷу оид ба проблемаи мазкур васоити таълимии «Назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ»-ро омода намудааст, ки боиси беҳдошти раванди назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ мегардад. Маводи диссертатсияро метавон дар курсҳои такмили ихтисоси кадрҳои омӯзгорӣ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо маълумоти дақиқ, ҳаҷми кофии мавод, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, маърӯза ва мақолаҳои интишоргардида асоснок карда шудааст. Хулоса ва пешниҳодҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ манзур карда шудаанд. Ҳамчунин пайдарпайии мантиқи омӯзишу гузаронидани машғулиятҳои амалӣ, таҷрибавӣ-озмоишӣ бо истифода аз методҳои муосир, (истифодаи технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, мултимедӣ, компютер, тахтаҳои электронӣ ва ғайра) дар ҷараёни таҳқиқот оид ба ташаккулёбии омодагии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ ба нақша гирифта шуда, муқоисаи натиҷаҳои омории таҳқиқот коркард шуда, мушоҳидаҳои иловагии педагогӣ дар ҷараёни таҳқиқот таъмин карда шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Автореферат ва корҳои илмие, ки оид ба мавзуи таҳқиқотӣ нашр гардидаанд, мазмуни асосии диссертатсияро ба таври зарурӣ инъикос карда метавонанд. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар 5 мақолаи дар маҷаллаҳои тақризнавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия инъикос ёфтаанд. Инчунин аз ҷониби муаллифи диссертатсия 13 мақолаи дигар дар нашрияҳои гуногун нашр гардида, натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи Методикаи таҳсилоти ибтидоии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, панҷ зербанд, хулосаи бобҳо дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

Боби якуми диссертатсия – «**Асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ**» ду зербандро дар бар гирифта, ба таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ва имконияти ҷалби муаллимониояндаи синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ бахшида шудааст.

Дар боби мазкур унвонҷу таваҷҷуҳи асосиро ба таҳлили назариявӣ-методологии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши фанҳои математикӣ-методӣ равона сохта, кӯшиш намудааст, ки зарурат, имконот, мушкилот ва дурнамои ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоиро аз нигоҳи назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ намояд.

Муаллиф ба маврид таъкид менамояд, ки вақте, ки мо дар бораи ташкили фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ҳарф мезанем, татбиқи ҳамин хел супоришҳоро дар назар хоҳем дошт, ки иҷрои онҳо на

факат азёдкунии оддӣ ва дарккунии маводи иттилоотӣ, балки иҷрои мустақилонаи он мебошад. Дар рафти ин ҷараён донишҷӯён донишҳои нави илмӣ ва қобилияти мустақилии фикриро ба даст меоваранд. Равиши таҳқиқотии фаъолияти таълимӣ-дарккуниро дар асоси аломатҳои мушаххасгардонӣ мушоҳида намудан имконпазир аст. Муаллиф 4 аломати мушаххасгардониро пешниҳод намудааст (саҳ. 25).

Унвонҷу иброз менамояд, ки шарти муҳимми баландбардории самаранокии тайёрии касбии омӯзгорони оянда ин робитаи зич ва мустаҳками корҳои таълимӣ ва илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ба ҷараёни таълим мебошад. Дар ин сурат донишҷӯён дониши амиқ гирифта, тайёрии касбӣ-методии онҳо ба фаъолияти эҷодкоронаи омӯзгорӣ такмил меёбад, равияи касбии худи кори таҳқиқотӣ афзуда, наздикшавии беш аз беши онҳо ба объекти асосии таҳқиқот-мактаб ва ҷараёнҳои дар он ба амалоянда ба даст оварда мешавад. Ҳамзамон, фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии донишҷӯён имкон медиҳад, ки гузариш ба азхудкунии ғайрифаъоли репродуктивии донишҳо ба дараҷаи фаъоли маҳсулнок инкишоф дода шавад, ки он дар навбати худ қобилият ва маҳорати бурдани кори илмиро ташаккул дода, дар худи донишгоҳ ба ташаккулёбии мутахассис-таҳқиқотчӣ мусоидат намуда, дар донишҷӯён нисбат ба касби омӯзгорӣ муносибати дурустро тарбия мекунад. Дарвоқеъ чунин ташкили кор услуби меҳнати фикриро инкишоф дода, донишҷӯёнро бо усулҳо ва ҷузъиётҳои таҳқиқотҳои илмӣ-педагогӣ шинос мекунад, талаботро ба худомӯзии донишҷӯён ба таври доимӣ тарбия менамояд.

Ба ақидаи унвонҷу дар ташкилу бароҳмонии корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ фарзия раҳномои таҳқиқот мебошад ва таҳқиқотҳои педагогиро бе санҷишу исботи фарзия ба итмом расида пиндоштан ғайри имкон аст. Бинобар ин, яке аз воситаи асосии санҷиши фарзияи педагогӣ ин озмоиши педагогӣ мебошад. Вазифаи он муайянкунии самаранокии истифодаи усулҳо, воситаҳо,

методҳои корҳои таълимӣ-тарбиявӣ, шаклҳои ташкили шароити мусоид, муҳайё ва тадбиқи технологияи нави таълим, тарбия ва инкишофи донишҷӯён мебошад.

Маҳорати таҳияи фарзия, роҳи муайянкунии санҷиши он, гузаронидани одитарин таҳқиқоти назариявӣ, истифодаи методҳои илмии тафаккур, аз диди унвонҷу, ин меъёрҳои асосии зарурии омӯзгор-таҳқиқотчӣ мебошанд. Дар ин сурат методҳои асосии таҳқиқотӣ, омӯзиши таҷрибаи педагогӣ амалӣ мешавад. Мақсади он аз муайянкунии муқоисавии самаранокии истифодаи методҳо, усулҳо, шаклҳои ташкили мусоиди воқеӣ, такя ва тадбиқи технологияи нави таълиму тарбия ва инкишофи донишҷӯён дар корҳои таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти таълими муосир мебошад. Маҳорати таҳияи фарзия, таҳияи нақшаи санҷиши он, гузаронидани одитарин таҳқиқоти назариявӣ бо истифодаи методҳои илмии тафаккур, ба фикри унвонҷу, ин нишондиҳандаи асосии қобилияти зарурии омӯзгор-таҳқиқотчӣ мебошад (с. 36).

Боби дуюми диссертатсия «**Асосҳои методии ташаккули фаъолияти таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши «назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар донишгоҳ»** унвон дошта, асосан ба ҷамъбасти натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии гузаронидашуда бахшида шуда, масъалаҳои методикаи ташаккули фаъолияти таҳқиқотии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ, истифодаи донишҳо, маҳорат ва малакаҳои таҳқиқотӣ мавриди ташкили кори мустақилона оид ба ҳалли масъалаҳои мушкили матнӣ таҳлилу натиҷагирӣ карда шудааст.

Дар ин боб унвонҷу нуқтаи назари хело ҳам ҷолибро ба миён гузоштааст, яъне тарзу усулҳои нави гузаронидани машғулиятҳои лексионӣ, ки асоси ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ташкил медиҳад. Бахри амалӣ гардидани ин мақсад

диссертант коркарди лексияҳои проблемавӣ, лексияи визуалиро мавриди таълими фанҳои гуногун омода сохтааст.

Тавре ки унвонҷу иброз менамояд, хусусиятҳои лексияи проблемавӣ ин амалисозии принсипи проблеманокӣ дар мазмуни лексия ё ин ки дар раванди баёни мазмун дар шакли муошири омӯзгор ва донишҷӯ сурат бояд бигирад. Дар диссертатсия мавриди омӯзиши мавзуъҳои гуногун мисолҳои зиёд оварда шудааст. Масалан, мавриди омӯзиши «Методи алгебравии ҳалли масъалаҳои матнӣ» аз аввали лексия дар тахтаи электронӣ омӯзгор якчанд саволҳои проблемавиро пешкаш менамояд, донишҷӯён бояд дар охири машғулият ҷавоб гардоннд.. Дар мавриди ба вуҷудоварии вазъияти проблемавӣ донишҷӯён донишҳои назариявии барои ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ заруриро соҳиб мешаванд (мафҳуми зермасъала, монандии масъалаҳо, истифодаи методи муодила дар ҳалли масъалаҳои матнии гуногун). Мавриди гузаронидани лексияҳои визуалӣ ба донишҷӯ лозим меояд, ки миқдори зиёди иттилооти визуалиро дарк, коркард ва арзёбӣ кунад.

Зимни ташкилу бароҳмонии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар мавриди ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ оид ба омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ унвонҷу иброз менамояд, ки ба эътибор гирифтани салоҳиятҳои умумӣ ва хусусии математикӣ заминаи мусоиди ташаккули салоҳиятҳои касбӣ мебошанд. Ба ақидаи унвонҷу ташаккули салоҳиятҳои таълимӣ-таҳқиқотӣ бояд асоси ҳадафҳои фаъолияти таълимии математикӣ ва мақсади асосии омӯзгорони донишгоҳ бошанд. Дар саҳифаи 32-33-и диссертатсия 5 салоҳияти таҳқиқотии зарурӣ оварда шудааст: (шиносоии аввали донишҷуён бо усулҳои фикрронӣ мавриди омӯзиши маводи назариявии мувофиқ аз математика; тадбиқи усулҳои фикрӣ вобаста бо истифодаи усули муайян мавриди омӯзиши маводи нав ё ҳалли масъалае, ки вақти зиёдатиро дар раванди машғулият талаб наменамояд; дар оянда интихоби ин ё он усул бо хотирнишонии устод сурат гирифта истифодаи

он бо назардошти маводи азбаршуда ошкор карда мешавад; истифодаи усулҳои гуногун дар ҳамгирой ва дар ҳама ҳолатҳои имконпазирии пайдарҳамии ба ҳамдигар муайян мешавад; дар марҳилаи охирон салоҳиятҳои мустақилона интихоб ва тадбиқи аллакай усулҳои фикррונии шинос амалӣ мешавад).

Бо назардошти намудҳои гуногуни фаъолият унвонҷу низоми ташаккули фаъолияти таҳқиқотии омӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидоиро ба ду марҳила ҷудо намудааст, марҳилаи омодагӣ ба фаъолияти таҳқиқотӣ; марҳилаи иҷрои фаъолияти таҳқиқотӣ. Ба марҳилаи якум ҳамаи он усулҳо ва воситаҳои педагогӣ ва методие, ки мавриди шарҳ ва нишон додани унсурҳои фаъолияти таҳқиқотӣ мансубанд, дохил карда шудааст. Ба марҳила дуюм бошад, чунин восита ва усулҳои педагогӣ ва методие, ворид карда шудааст, ки барои бевосита ҷалби донишҷӯён ба фаъолияти таҳқиқотӣ мусоидат менамоянд. Дар ин лаҳзаҳо донишҷӯ нақши фаъолро барои иҷрои унсурҳои фаъолияти таҳқиқотӣ иҷро мекунанд. Агар дар марҳилаи якуми системаи ташаккулдиҳӣ нақши асосиро усулҳо, воситаҳо ва методҳое, ки барои азбаркунии амалиётҳои фикрӣ амалӣ ва тавассути онҳо инкишофи амалиётҳои фикрӣ амалӣ шаванд, пас дар марҳилаи дуюм бошад, донишҷӯён бевосита ба фаъолияти таҳқиқотӣ ворид шуда, бо истифодаи унсурҳои он, ки ҳалли масъалаҳо ҳамчун фаъолияти таҳқиқотӣ мебошад, дохил мешаванд (саҳ. 95).

Натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда тавассути ҷадвал, диаграмма ва расмҳо мусаввар гардидааст.

Дар қисмати **хулоса** андешаҳои муаллиф доир ба роҳу усулҳои ҳалли мушкилоти мавҷудбуда доир ба ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии огмӯзгорони ояндаи синфҳои ибтидой мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ дар шакли тавсия ва пешниҳодот ҷамъбаст гардидаанд, ки аҳамияти илмию методологии таҳқиқоти мазкурро собит месозад. Автореферат ва мақолаҳои

нашрнамудаи муаллиф мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсиониро пурра инъикос менамоянд. Шиносоӣ бо таҳқиқоти диссертатсионии пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки муаллиф дорои қобилият ва малакаи хуби таҳқиқотӣ ва истифодаи методҳои мухталифи таҳлилӣ мебошад. Кори диссертатсионии мазкур натиҷаи заҳматҳои шахсии муаллиф буда, таҳқиқоти мустақилона гузаронидаи ӯ маҳсуб дониста мешавад.

Дар баробари мутобиқати таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамзамон, камбудиҳои зерин ба назар расид:

1. Зимни таҳлили масъалаи дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ унвонҷу аслан бо овардани номи муаллифони хориҷӣ иктифо намудааст. Аз олимони тоҷик бошад, танҳо номи 4 нафар зикр карда шудаасту халосос. Аз овардани номи асарҳояшон бошад, худдорӣ намудааст. Ба андешаи мо, хуб мешуд, ки зимни таҳлил барои боз ҳам рушантар гардидани вазъи мавзуи таҳқиқшаванда баъзе асарҳои муаллифони тоҷик низ зикр карда мешуд.

2. Зербанди якуми боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявии ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони оянадаи синфҳои ибтидоӣ дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ», ки дар он ҷадвалу диграммаву рақамҳои зиёд оварда шудааст, таҳлили натиҷагириҳоро то андозае мураккаб намудааст (масалан, ҷадвали ҷадвали 1 коркарди иловагиро тақозои мекунад). Дар фаъолияти ояндаи унвонҷу, ки кори диссертатсионӣ шояд дар шакли монография нашр карда шавад, зербанди мазкур бояд содда ва барои хонанда фаҳмотар карда шавад.

3. Хулосаи боби якум кутоҳ баён ёфта, мухтавои асосии боби мазкурро ба пуррагӣ фаро нагирифтааст.

4. Дар диссертатсия ва авторефераги диссертатсия баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ҷой доранд.

Эродҳое, ки зикр карда шуданд, ҷузъӣ буда, ба арзиши баланди илмии диссертатсия таъсир намерасонанд.

Бояд зикр намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо дақиқӣ ва возеҳии мафҳумҳо, гузориши проблема, таҳлил ва роҳҳои ҳалли проблема, ҳадаф, вазифа, фарзия, аҳамияти назариявию амалӣ дорои арзиши баланди илмию методӣ мебошад.

Ҳамин тавр, диссертатсияи номзадии анҷомдодаи унвонҷу Шукурзода Хуршеди Абдумумин «Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ» таҳқиқоти илмии анҷомёфта маҳсуб шуда, ба талаботи бандҳои 31-35 ва 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа – PhD аз рӯйи ихтисоси 6D010200 – Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ (илмҳои педагогӣ) сазовор мебошад.

Муқарриз,
доктори илмҳои педагогӣ,
мудири шуъбаи педагогика ва
таҳсилоти муосири Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон

Ф. Гулмадов

Маълумот барои тамос: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов 11/ 2, Тел: +992988256514; E-mail: guimadod53@mail.ru

*Имзои Ф. Гулмадов.-ро тасдиқ мекунам*
*Сардори шуъбаи кадрҳои АТТ* М. Саидова
14.06.2023

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН * РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА * ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ